# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

**Week 16: Politics and International Relations: theory and practice**

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 16: Сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ: назария ва амалия**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Мафҳум ва моҳияти муносибатҳои байналхалқӣ
2. Консепсияҳои назариявии муносибатҳои байналхалқӣ
3. Мафҳум ва моҳияти сиёсати хориҷии давлат

## 1. Мафҳум ва моҳияти муносибатҳои байналхалқӣ

Муносибатҳои байналмиллалӣ ин маҷмӯи ҳама муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва дигар робитаю муносибатҳоеанд, ки байни халқу мамлакатҳо барқарор гашта ҳар кадом манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ-техникӣ, дипломатию ҳарбиашонро дар робита ва муносибат ба ҳамдигар ҳимоя менамоянд.

Ҳамчунин, муносибатҳои байналхалқӣ аз маҷмӯи алоқаҳои интегратсионие иборат аст, ки он дар байни давлатҳо, ҳизбҳо, фардҳои алоҳида ва созмонҳои мухталиф ба амал омада, метавонад барои ба вуҷуд овардани сиёсати байналхалқӣ фазои мусоид фароҳам оварад. Субъекти марказии системаи муносибатҳои байналхалқӣ **давлат** мебошад.

Муносибатҳои байналмиллалӣ дар илми сиёсӣ аз ҷониби файласуфи англис Ҷ. Бентам ворид карда шуда ва он ба асрҳои XVII-XIX ба замоне рост меояд, ки дар Аврупои Ғарбӣ давлатҳои мустақили миллӣ ташаккул ёфтанд. Бавуҷудоии мафҳуми миллат, давлат ё давлати миллӣ ба ҳамон асрҳо рост меояд, чунки бо ташаккули давлатҳои миллӣ дар ин давлатҳо раванди ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба охир расида модели муносибатҳои байналмиллалӣ барқарор гардиданд.

Агар мо ба ин раванд аз нуқтаи назари Бентам нигоҳ кунем, онгоҳ бояд онро низ қабул кард, ки то ин давра байни халқҳо, миллатҳо муносибатҳо вуҷуд надоштанд, ки ин андеша ғайри илмӣ мебуд.

Якум, робитаҳои иқтисодию сиёсӣ байни давлатҳо дар шакли кулли башарият вуҷуд надошта бошад ҳам аммо байни гурӯҳи давлатҳо вуҷуд дошта ва аз дастовардҳои ҳамдигар баҳра мебурданд.

Дуюм ин доду гирифтҳои иқтисодӣ боиси ҳамдигарфаҳмию барқарорсозии робитаҳои сиёсӣ гашта дар мавридҳои зарурӣ давлатҳо аз давлатҳои дигар ёрӣ мепурсиданд ва дастгирӣҳам меёфанд.

Сеюм ин робитаҳо дар ташаккули маънавии ҳамдигарӣ низ мавқеи хоса пайдо мекарданд. Магар Роҳи абрешим дар барқарорсозии муносибатҳои ҳасанаи байни халқҳо, ки баътар дар забони Аврупоиён маънии миллатро гирифт, нақши созандагӣ набозид?

Сиёсатшиносони Аврупоӣ бар ин ақидаанд, ки то замони капитализм робитаи байни давлатҳо дар сатҳи минтақавӣ вуҷуд дошт, ки ин хатост. Зеро се империяи бузург, империяи Сосонӣ, Юнонӣ ва Римӣ аз доираи минтақавӣ берун баромада ҳокимияташон ду қитъа Осиё ва Аврупоро ба ҳам наздик кунонида буданд. Ба хусус империяи Сосонӣ дар замони Куруши Кабир аз Чин то Африко паҳн гашта Афлотун Кирро роҳбари идеалӣ номидааст.

Сиёсатшиносии ғарб муносибатҳои сиёсии то капиталистиро ҳамчун муносибати байни шахсон- монархҳо, ҳокимон маънидод менамоянд. Ҳол он ки имрӯз ҳам аз номи миллат Президент, Сарвазир, Император, Канслерҳо баромад намуда, онҳо дар зери ҳуҷҷатҳои хусусияти сиёсию иқтисодӣ дошта имзо мегузоранд.

Бо бавуҷудоии иқтисоди ҷаҳонӣ муносибатҳои байналхалқӣҳам ба вуҷуд омад. Нишонаи ин падидаи сиёсиро дар он дидан мумкин аст, ки баъди ҳар як кризиси иқтисодӣ вазъияти сиёсии ҷаҳон тезутунд гашта, ҳатман боиси ҷангҳо мегарданд.

Кашмакашиҳои сиёсии байни давлатҳо ба ҳам наздикшавию аз ҳам ҷудошавиҳо як зумра ташкилоту ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятиеро ба вуҷуд овард, ки онҳо намояндагони миллат ва ё халқи мушаххас бошанд ҳам бо ҳамақидагони хеш берун аз ҳудудҳои миллӣ робита пайдо намуда ҳамдигарро дар муборизаҳои сиёсию иҷтимоияшон дастгирӣ менамудагӣ шуданд.

Ташкилоти Созмони Миллали Мутаҳид ва сохторҳои гуногунаш ташкилоти фаромиллие гардиданд, ки дар асоси ба ҳисобгирии манфиатҳои ҳама давлатҳо масъалаҳоеро ҳалу фасл менамоянд, ки ба ҷамъияти инсонӣ мушкилӣ ва хавф эҷод менамоянд. Ин мушкилотҳо ин- мушкилоти экологӣ, демографӣ, энергетикӣ, таъмини озуқа, ҳимояи сулҳ, гирифтани пеши роҳи касалиҳои сирояткунанда ва ғайра мебошанд, ки барои тамоми инсоният зарар расониданашон мумкин аст, аммо роҳи ҳалашон танҳо кушиши якҷояи тамоми давлатҳоро талаб менамояд.

Хусусиятҳои муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ дар он ифода меёбанд, ки дар ин соҳаи сиёсат маркази ягонаи маҷбурнамоии легитимӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимият вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, иштироккунандагони системаи мазкур баробарҳуқуқ мебошанд.

Муносибатҳои байналхалқӣ аз рӯйи характери худ ва шумораи иштирокчиён ба чунин шаклҳо ҷудо карда мешаванд: дуҷониба, бисёрҷониба, байнифардӣ, байниҳизбӣ, байнидавлатӣ. Инчунин, муносибатҳои байналхалқӣ ба минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, афзалиятнок ва дуюмдараҷа ҷудо карда мешаванд. Муносибатҳои байналхалқӣ дар раванди ташаккулёбии худ бо чунин ҳолатҳо рӯ ба рӯ мегардад: устуворӣ ва ноустуворӣ, боварӣ ва нобоварӣ, дӯстӣ ва душманӣ, ҳамкорӣ ва низоъ.

Асоси муносибатҳои байналхалқиро сиёсати ҷаҳонӣ ташкил медиҳад, ки он дар зери таъсири сиёсати хориҷии сарварони сиёсӣ, ҳаракатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва мисли инҳо ташаккул меёбад. Сиёсати ҷаҳонӣ тамоми равандҳои сиёсии дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ бавуқӯъояндаро фаро мегирад.

1. Калашников В.Л. и др. Политология. – М., 2004. – С.407.

Ҳамзамон, давлатҳое мавҷуданд, ки онҳо аз ҷиҳати неруи сиёсӣ, сатҳи рушду инкишофи иқтисодӣ, мавқеи географӣ бо ҳам хеле наздиканд. Маҳз дар байни чунин давлатҳо алоқаҳои устувор барқарор карда мешаванд.

Вайрон шудани тавозуни муносибатҳои байналхалқӣ аз он вобастагӣ дорад, ки дар баробари давлат, инчунин субъектҳои дигари мустақили ҷаҳонӣ ба арсаи байналхалқӣ ворид мегарданд, аз ҷумла гурӯҳҳои миллӣ, демографӣ, конфессионалӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ширкатҳои трансмиллӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, ВАО, гурӯҳҳои террористӣ, шахсиятҳои алоҳида.

Бояд гуфт, ки танзимгари муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад. Ҳуқуқи байналхалқӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат буда, муносибатҳои байни давлатҳои алоҳидаро ба танзим медарорад. Субъектҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ, пеш аз ҳама, давлат, созмонҳои байналмилалӣ, миллатҳо ва халқиятҳо ба шумор мераванд.

Меъёрҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ дар Оинномаи СММ мустаҳкам карда шудаанд. Мувофиқи Оинномаи мазкур баробарҳуқуқии давлатҳои соҳибистиқлол, даст кашидан аз истифодаи неруҳои мусаллаҳ, дахлнопазир будани сарҳадоти давлатӣ, софдилона иҷро намудани уҳдадориҳо меъёрҳои муҳимми ҳуқуқи байналхалқӣ маҳсуб меёбанд.

# Назарияҳо доир ба муносибатҳои байналмиллалии муосир

Аз солҳои 50-уми асри XX дар зери таъсири сиёсати сиёсӣ ва иҷтимоии системаи сотсиалистӣ дар собиқ давлатҳои дар асорати мустамликавӣ буда, ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ авҷ гирифт, ки он аз ҷониби Иттиҳоди Шуравӣ ҳаматарафа дастгирӣ ёфта то рафт таносуби қувваҳо дар ҷаҳон ба фоидаи системаи сотсиалистӣ меафзуд.

Ғалабаи қувваҳои коммунистӣ дар Чину ғалабаи ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар Ҳиндустон, ки муборизааш ба муқобили англисҳо нигаронида шуда буд, баъд озодшавии як зумра давлатҳо дар Осиёю Аврупо иттиҳоди нави сиёсиро ташкил намуда, аксарияташон эълон намуданд, ки сотсиализм месозанд.

Таҳлилҳои сиёсати байналмиллалӣ дар солҳои 70-уми асри XX онро нишон дод, ки барои сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ ташкили иттиҳодияи фаромиллӣ зарур аст, ки он боиси ташаккули назарияи нави траннационализм гардад, зеро то ин дам давлатҳоро иттиҳодияҳои ҳарбию, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба ҳам пайваст, ки ин ба ҳамалоқамандии давлатҳоро бо ҳам бештар кард. Ин ба он оварда расонид, ки давлатҳо то андозае таъсирашон аз болои фаъолияти ин иттиҳодияҳо камтар гашт.

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба амал омадани тағйиротҳои сиёсӣ дар Аврупои Шарқӣ дар ҷаҳон тавозуни қувваҳо низ ба дигаргунӣ дучор гардид. Дар натиҷа давлатҳои Аврупои Ғарбӣ, ки дар доираи созмони НАТО муттаҳид гардида буданд, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ консепсияи трансмиллиеро пешниҳод намуданд, ки мувофиқи он на танҳо дар ҳолати сиёсати ғасбгароёнаи давлат, балки дар ҳолатҳои вайрон шудани ҳуқуқи инсон ва истифодаи қувваҳои мусаллаҳ бар зидди аҳолии осоишта дахолат намудан ба сиёсати дохилии давлат қобили қабул дониста мешавад.

Дар асри XX тамоюли афзоиши шумораи субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ ба мушоҳида мерасад. Нақши иттиҳодияҳои байнидавлатӣ хеле боло рафта, барои ҳимояи манфиатҳои умумии онҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун субъектҳои муҳимтарини системаи муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳалли масъалаҳои миқёси ҷаҳонӣ иштирок меварзанд. Онҳо ба хотири ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва монанди инҳо ташкил карда шудаанд.

Созмонҳои байналмилалӣ иттиҳодияҳои доимии байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматие мебошанд, ки дар асоси созишномаҳои байналмилалӣ (оиннома, ҳуҷҷатҳои конститутсионӣ) бо мақсади таъсиррасонӣ дар ҳалли масъалаҳои байналхалқӣ ташкил карда мешаванд. Бояд гуфт, ки идеяи созмон додани чунин иттиҳодияҳо ҳанӯз дар аҳди қадим ба вуҷуд омада буд. Аммо пайдоиши созмонҳои байналмилалӣ танҳо дар асри XIX мушоҳида карда мешавад. Махсусан рушду инкишофи босуръати созмонҳои байналмилалӣ баъди ба анҷом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба мушоҳида мерасад.

Созмонҳои байналмилалӣ ба созмонҳои байнидавлатӣ ва ғайриҳукуматӣ ҷудо карда мешаванд. Созмонҳои байнидавлатӣ иттиҳоди давлатҳое мебошанд, ки дар асоси шартнома таъсис дода мешаванд. Созмонҳои байнидавлатӣ ҳамчун субъектҳои мустақили муносибатҳои байналхалқӣ дар арсаи ҷаҳонӣ аз номи худ ва аз номи давлатҳои аъзо баромад менамоянд.

Созмонҳои ғайриҳукуматӣ нисбат ба созмонҳои байнидавлатӣ сохтори хеле мураккаб доранд. Онҳо метавонанд, сирф ғайриҳукуматӣ, омехта ва дорои хусусияти фардӣ бошанд.

Созмонҳои байналмилалӣ инчунин ба созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ тақсим карда мешаванд.

Аввалин созмони байналмилалӣ Иттиҳоди почтаи байналмилалӣ мебошад, ки соли 1875 таъсис дода шудааст. Айни замон дар ҷаҳон зиёда аз 300 созмони байнидавлатӣ ва зиёда аз 2500 созмони ғайриҳукуматӣ амал менамоянд. Дар поён як қатор созмонҳои байналхалқиро метавонем номбар намоем:

–созмонҳои минтақавӣ: Созмони Ҳамкории Шанхай, Лигаи давлатҳои араб, Иттиҳоди давлатҳои Осиёи Ҷанубию Шарқӣ, Созмони ягонагии Африқо, Созмони давлатҳои Амрикоӣ.

–созмонҳои молиявӣ: Фонди байналхалқии асъор, Бонки байнал-халқии рушд, Бонки осиёгии рушд.

–созмонҳои тиҷоратӣ: Конфронси СММ оид ба тиҷорат ва рушд, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Иттиҳодияи аврупоии тиҷорати озод.

–созмонҳои ҳарбӣ: Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони аҳдномаи Антлантикаи Шимолӣ (НАТО), Муоҳидаи амниятии минтақаи назди Уқёнуси Ором, Иттиҳоди Аврупои Ғарбӣ.

–созмонҳои демографӣ: Иттиҳодияи умумиҷаҳонии ҷавонон, Федератсияи демократии байналхалқии занон.

Дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ Созмони Милали Муттаҳид нақши ҳалкунанда мебозад. Он соли 1945 таъсис ёфта, таъмини сулҳу суботи байналхалқӣ ва рушди ҳамкориҳои байнидавлатиро ҳадафи аслии худ қарор додааст. Мақомоти муҳимтарини СММ Ассамблеяи Генералӣ ва Шӯрои Амният маҳсуб меёбанд. Ассамблеяи Генералӣ тамоми аъзоёни созмонро дар бар гирифта, ҳар он масъалаеро, ки ба салоҳияти вай дохил мегардад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз рӯйи салоҳияти худ Ассамблеяи Генералӣ метавонад ба Шӯрои Амният ва давлатҳои аъзои худ тавсияҳои муфид пешниҳод намояд. Ҷамъомади аъзоёни созмон дар як сол як маротиба ва дар ҳолатҳои фавқулода бо даъвати фаврӣ гузаронида мешавад. Айни замон 194 давлати ҷаҳон аъзои СММ мебошанд.

Шӯрои Амният доимоамалкунанда буда, таъмини сулҳу субот ба салоҳияти он дохил карда шудааст ва аз 15 аъзо иборат мебошад. 5 аъзои доимӣ (Россия, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Чин) ва 10 аъзои дигар, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ барои ду сол интихоб карда мешаванд. Қарорҳо дар асоси ризоияти аъзоёни созмон қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои таҳдид ба амнияти аъзоён ва ё маҷбурнамоӣ Шӯрои Амният барои бартараф намудани онҳо салоҳиятҳои хеле васеъ дорад ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҳатто истифодаи қувваҳои мусаллаҳро низ ба роҳ мемонад.

Ҳамзамон, дар чаҳорчӯбаи СММ як қатор созмонҳое амал менамоянд, ки онҳо дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъектҳои мустақил баромад менамоянд. Аз ҷумла Созмони байналмилалии тандурустӣ, Созмони байналхалқии меҳнат, Хазинаи байналхалқии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ, Хазинаи дастгирии кӯдакон (ЮНИСЕФ), Оҷонсии байналхалқӣ оид ба энергияи атомӣ (МАГАТЭ), ЮНЕСКО, Созмони хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ (ФАО)..

## 2. Консепсияҳои назариявии муносибатҳои байналхалқӣ

Оид ба шарҳу баёни сиёсати ҷаҳонӣ мактаб ва ҷараёнҳои гуногу-ни илмӣ мавҷуданд. Чунончи, **реализм, идеализм, неомарксизм, этатизм, глобализм..**

**Реалистон** (Ҷ.Кенан, Ҷ.Болл, У.Ростоу, З.Бзежинский) чунин мешуморанд, ки ҳар як давлат барои ҳимоя намудани манфиатҳои худ ва амалӣ гардонидани ҳадафҳои худ бояд аз қувваҳои дар ихтиёрдоштаи худ ба таври васеъ истифода намояд. Давлате, ки соҳиби неруи иловагӣ мегардад, барои расидан ба мақсадҳои хеш аз тамоми воситаҳо истифода мебарад. Идеяи марказии чунин рафтор дар шиори зерин ифода меёбад: «Хоҳони сулҳ бошӣ, барои ҷанг омода шав».

Асосгузори реализми сиёсӣ, олими америкоӣ Г. Моргентау (1904-1980) мебошад. Ӯ дар асари худ «Муносибатҳои сиёсӣ миёни миллатҳо: мубориза барои нуфуз ва сулҳ» (1948) чунин қайд намуда буд: «Сиёсати байналхалқӣ ба монанди дигар шаклҳои сиёсат мубориза барои ҳокимият мебошад. Дар сиёсати байналхалқӣ тамоми мақсадҳои алоҳида бевосита бо ҳокимият алоқамандӣ доранд».Танҳо сиёсати ратсионалӣ қодир аст, ки фоидаи давлатро афзун намуда, таҳдидҳои онро бартараф созад. Г.Моргентау чунин мешуморид, ки «давлатҳо дӯстон ва душманони доимӣ надоранд, балки онҳо манфиатҳои доимӣ доранд».

**Идеалистон** (У.Липпман, Т.Кук, В.Дин) баръакс сиёсати ҷаҳониро дар доираи унсурҳои ҳуқуқӣ ва этникӣ баррасӣ намуда, аз истифодаи неруҳои ҳарбӣ ва қувваҳои мусаллаҳ даст кашида, ташаккул додани ҳуқуқи байналхалқиро афзал медонанд. Идеалистон ба ҷойи тавозуни қувваҳо идеяи амнияти дастаҷамъиро барои танзими муносибатҳои байналхалқӣ интихоб намудаанд. Ба ақидаи идеалистон ҳар як давлат ҳадафи ягона дорад, ки онҳо аз сулҳу субот ва амнияти умумӣ иборатанд.

Равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ идеализмро дар шакли **неолиберализм** ташаккул дода истодааст. Ба андешаи неолибералистон, дар баробари давлат, инчунин иттиҳодияҳои фаромиллӣ, ҷамъиятҳои молиявию саҳомӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ низ метавонанд иштирокчиёни сиёсати хориҷӣ бошанд.

**Неомарксизм** низ дар ташаккули муносибатҳои байналхалқӣ таъсири амиқ мерасонад. Намояндагони ин ҷараён ба масъалаи нобаробарии иқтисодӣ ва ба табақаҳои мухталиф ҷудо гардидани аҳолии кураи замин диққати бештар дода, дар муносибат бо чунин вазъият мафҳумҳои «Шимолу Ҷануб»-ро истифода менамоянд.

**Глобализм** ҳамчун ҷараёни илмӣ ташаккулдиҳандаи анъанаҳои идеалистӣ ба шумор рафта, паст гардидани нақши давлатҳои миллиро асоснок менамояд. Ба ақидаи намояндагони глобализм, тағйиротҳои ҷиддии соҳаҳои алоқа, нақлиёт ва иттилоот самаранокии давлатҳои миллиро дар самти таъмини амният поён бурда, қудрати онҳоро дар таъмини шароити арзандаи шаҳрвандон коҳиш додааст.

**Принсипҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ:**

- Ҳамбаробарии давлатҳо;
- Нақзи набояд истиқлолияти миллӣ;
- Набудани истифодаи зӯрӣ ё таҳдид ба он;
- Ҳалли баҳсҳо бо роҳи сулҳомез;
- Ҳамкорӣ барои рушди устувор;
- Эҳтироми ҳуқуқи инсон ва арзишҳои умумбашарӣ.

# 3. Мафҳум ва моҳияти сиёсати хориҷии давлат

Муносибатҳои байналхалқӣ натиҷаи фаъолияти хориҷии давлатҳои алоҳида ва сиёсати хориҷии онҳо мебошад. Сиёсати хориҷӣ фаъолияти давлат дар арсаи байналхалқӣ мебошад, ки ба воситаи он муносибати давлат бо субъектҳои дигари муносибатҳои байналхалқӣ танзим карда мешавад.

Сиёсати хориҷӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ ба шумор рафта, идомаи мантиқии сиёсати дохилии давлат мебошад. Он дар шароити махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Таҳлили амалияи сиёсати ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сиёсати хориҷии давлат вобаста аз шароити мушаххас дар ду шакли асосӣ зоҳир мегардад: ғайрифаъол ва агрессивӣ. Сиёсати хориҷии ғайрифаъол хосси давлатҳои қафомонда ва рӯ ба тараққӣ мебошад. Баръакс, агар арзишҳои демократӣ дар арсаи байналхалқӣ ба буҳрон дучор гарданд, дар давлатҳои мазкур муносибатҳои демократӣ ва ниҳодҳои демократӣ рӯ ба таназзул меоранд.

Ҳамин тариқ, давлатҳои дорои сиёсати хориҷии ғайрифаъол то дараҷае аз вазъияти байналхалқӣ вобастаанд. Сиёсати хориҷии агрессивӣ хосси давлатҳое мебошад, ки онҳо сиёсати махсуси дохилии худро ташаккул медиҳанд ва дар сиёсати хориҷии худ кӯшиш менамоянд, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои дигарро бо сиёсати худ мутобиқ гардонанд.

Субъектҳои асосии сиёсати хориҷӣ аз инҳо иборатанд: давлат, мақомоти давлатӣ (ҳукумат, парлумон), сарварони сиёсӣ, роҳбарони давлатҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ (ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилоту иттиҳодиҳои ҷамъиятӣ). Баъзан чунин мешуморанд, ки сиёсати хориҷӣ танҳо хосси давлат аст. Аммо таҳлили назария ва амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои демократӣ бо оппозитсияи сиёсии давлатҳои ғайридемократӣ ҳамкорӣ намуда, барои сарнагун намудани режимҳои сиёсии давлатҳои мазкур онҳоро истифода менамоянд.

Мазмун ва моҳияти сиёсати хориҷӣ ба воситаи мақсадҳое, ки дар назди субъектҳои он гузошта мешаванд ва бо ёрии воситаҳое, ки барои амалӣ кардани ин мақсадҳо истифода мегарданд, муайян карда мешавад. Чун анаъана, мақсадҳои сиёсати хориҷии давлатро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст:

– баланд бардоштани сатҳи ҳаёти моддӣ ва маънавии аҳолӣ;

– баланд бардоштани иқтидори сиёсӣ ва иқтисодии давлат;

– таъмини амнияти миллӣ;

– роҳ надодан ба дахолати давлатҳои дигар ба корҳои дохилии давлат ва таъмини дахлнопазирии сиёсати дохилӣ;

– боло бурдани нақш ва мавқеи давлат дар арсаи ҷаҳонӣ;

– ҳимояи манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии давлат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ.

Гузашта аз ин, давлат дар самти ташаккули сиёсати хориҷии худ як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– вазифаи муҳофизатӣ: ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони берун аз мамлакат. Дар амал татбиқ гардидани вазифаи мазкур бо фаъолияти давлат алоқаманд буда, ҳангоми ҳалли масъалаҳои баҳснок ва ҷустуҷӯи роҳҳои мусолиҳатомези ҳалли онҳо ба мушоҳида мерасад;

– вазифаи иттилоотию намояндагӣ: давлат ба воситаи мақомоти махсуси худ дар арсаи ҷаҳонӣ обрӯ ва эътибори худро баланд мебардорад. Давлатҳо ба воситаи марказҳои илмию фарҳангӣ, васоити ахбори омма ва равшанфикрону зиёиён ба афкори ҷамъиятии давлатҳои дигар таъсир расонида, назари онҳоро нисбат ба худ дигар менамоянд. Як қатор мутахассисон раванди мазкурро ҷангҳои иттилоотӣ номида истодаанд;

– вазифаи ташкилотчигӣ: давлатҳо ба хотири хубтару беҳтар ба роҳ мондани сиёсати хориҷии худ ба воситаи мақомоти марказии ҳокимият як қатор ташаббусҳои байналхалқӣ ва корҳои ташкилотчигӣ анҷом медиҳанд. Асосан чунин амалҳо ба воситаи вазорати корҳои хориҷӣ ва сафоратхонаҳо анҷом дода мешаванд;

– вазифаи танзимнамоӣ: давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки дар раванди барқарор намудани алоқаҳои байнидавлатӣ тавозуни манфиатҳои дуҷонибаро нигоҳ доранд. Иҷроиши вазифаи мазкур ба воситаи мақомоти махсуси давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, қайд намудан бамаврид аст, ки манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик чунин аст:

1. Ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар.
2. Таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ.
3. Таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, амнияти иқтисодӣ ва экологии мамлакат.

4. Бунёди ҷомеаи демократӣ бо такя бар усули иқтисоди бозорӣ.

5. Ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, ҳайсият ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва хориҷ аз он.

6. Эҷоди камарбанди ҳусни ҳамсоягии нек дар марзҳои кишвар.

7. Инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо ҳамаи мамлакатҳои дунё.

8. Таҳкими чеҳраи матлуб ва мусбати ҷумҳурӣ дар олам.

9. Мусоидат ба тоҷикон дар кишварҳои дигар[1].

1. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе: Ир-фон, 2006. – С.108.

Сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун падидаҳои мураккаби иҷтимоӣ ҳамеша дар тағйирот қарор доранд. Омӯзиши онҳо ба мо имкон медиҳад, ки равандҳои ҷаҳони муосирро фаҳмем, қарорҳои дуруст қабул кунем ва сулҳ ва суботро ҳифз намоем. Илми сиёсатшиносӣ, дар ин замина, нақши калидӣ дорад — он воситаи таҳлил, фаҳмиш ва пешгӯии ин равандҳост.

# Адабиёт


1. Калашников В.Л. и др. Политология. – М., 2004. – С.407.
2. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе: Ир-фон, 2006. – С.108.
3. Г. Зокиров Системаи сиёсӣ: Масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. Душанбе 2011.-с.16-17
4. . Фаркушин М. Х. Политическая система общества «Социально – политические науки». 1991. №5.

Ташаккури зиёд!